## Шарҳи моҳонаи таваррум • ОКТЯБРИ 2023

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи октябри соли 2023 бо нишондиҳандаи манфии 0,3 фоиз ҷамъбаст гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,7 банди фоизӣ кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда пастравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби коҳишёбии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ -1,0 фоиз (саҳм дар таваррум -0,5 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, дар ин моҳ нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,6 фоиз (0,2 б.ф.) ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,1 фоиз (бо саҳми ночиз) раванди болоравӣ доштанд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ дар моҳи мазкур асосан коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла сабзӣ 36,9 фоиз, карам 29,2 фоиз, картошка 16,8 фоиз, себ 13,0 фоиз, равғани офтобпараст 4,4 фоиз, пиёз 4,1 фоиз, равғани пахта 3,6 фоиз, тухм 3,5 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд. Раванди мазкур асосан дар натиҷаи таъсири омилҳои мавсимӣ ва ҷамъоварии ҳосили фаровони баъзе аз маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин муътадил шудани нархҳои воридотӣ ба амал омад.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи октябри соли ҷорӣ бештар қиматшавии нархи маводи сӯзишворӣ 9,9 фоиз (бахусус нархи гази моеъ 22,0 фоиз ва бензини АИ-92 5,1 фоиз) мушоҳида гардид.

Инчунин, дар моҳи октябри соли ҷорӣ болоравии нархи баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нархи помидор 90,3 фоиз, бодиринг 68,3 фоиз, ангур 9,6 фоиз, шир 7,1 фоиз, шакар 6,6 фоиз, орди навъи якум 4,5 фоиз, ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар моҳи октябри соли 2023 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 3,4 фоиз, Ӯзбекистон 1,0 фоиз, Қирғизистон 0,9 фоиз, Россия 0,8 фоиз, Қазоқистон 0,7 фоиз, Белорус 0,6 фоиз, Гурҷистон 0,6 фоиз ва Арманистон 0,3 фоизро ташкил намуд.

**Таварруми моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (окт. с.2023) | Таваррум янв-окт. с.2023 | Таварруми солона (октябр с.2023) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 3,4 | 54,9 | 61,4 |
| Ӯзбекистон | 1,0 | 6,2 | 9,0 |
| Қирғизистон | 0,9 | 6,7 | 6,7 |
| Россия | 0,8 | 5,5 | 6,7 |
| Қазоқистон | 0,7 | 7,0 | 10,8 |
| Белорус | 0,6 | 4,2 | 3,7 |
| Гурҷистон | 0,6 | 0,6 | 0,8 |
| Арманистон | 0,3 | -2,0 | 0,1 |
| **Тоҷикистон** | **-0,3** | **3,6** | **4,4** |

**Сатҳи таваррумi солона бошад, дар моҳи октябри соли ҷорӣ ба 4,4 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,8 банди фоизӣ кам мебошад.**

Дар моҳи октябри соли ҷорӣ сатҳи таваррумi солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 61,4 фоиз, Қазоқистон 10,8 фоиз, Ӯзбекистон 9,0 фоиз, Қирғизистон 6,7, Россия 6,7 фоиз, Белорус 3,7 фоиз, Гурҷистон 0,8 фоиз ва Арманистон 0,1 фоизро ташкил менамоянд.

Сатҳи таваррумi аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи октябри соли ҷорӣ 0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад, ба 2,2 фоиз баробар гардид.

Бо назардошти вазъи ҷорӣ интизор меравад, ки то интиҳои сол дар кишвар сатҳи таваррум дар ҳудуди поёнии ҳадафи муқарраргардида ҷамъбаст хоҳад гардад.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро минбаъд низ ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**

**Таваррумi аслии солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумӣ солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2022 | | | | | 2023 | | | | | | | | | | Октябр тағйирёбии моҳона, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **7,8** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **4,2** | **4,3** | **4,5** | **3,6** | **3,4** | **2,4** | **2,4** | **2,3** | **4,2** | **5,1** | **4,4** | **-0,3** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **47,9** | **6,8** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **5,2** | **5,3** | **5,5** | **4,3** | **3,7** | **1,3** | **1,1** | **1,0** | **4,2** | **5,8** | **4,8** | **-1,1** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 12,7 | 4,8 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 4,7 | 2,5 | 1,7 | -2,6 | -6,6 | -10,6 | -8,7 | -8,2 | -4,2 | 2,3 | 6,1 | 2,4 |
| Биринҷ | 2,5 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 9,1 | 15,9 | 18,1 | 21,6 | 24,7 | 35,0 | 54,1 | 58,4 | 59,1 | 54,8 | 50,9 | -0,5 |
| Орд | 6,1 | 8,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 2,8 | -4,8 | -6,6 | -12,6 | -19,2 | -28,0 | -30,1 | -31,7 | -27,1 | -14,8 | -9,2 | 4,5 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,8 | 15,3 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -0,8 | 0,0 | 0,0 | -0,2 | 0,9 | 3,3 | 5,3 | 7,0 | 6,9 | 6,8 | 6,2 | 0,3 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 15,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -4,8 | -3,6 | -3,8 | -2,5 | -1,2 | 2,5 | 6,5 | 9,6 | 8,6 | 9,3 | 8,1 | 0,1 |
| Тухм | 1,7 | -24,0 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 43,1 | 48,3 | 37,8 | 40,4 | 49,0 | 42,7 | 19,6 | -3,3 | 0,1 | 0,3 | -8,3 | -3,5 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 7,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,4 | 28,8 | 25,9 | 14,7 | 11,9 | 9,2 | 8,6 | 7,8 | 8,0 | 5,2 | 4,9 | 1,2 |
| Шир | 0,7 | 4,0 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 20,4 | 23,2 | 16,0 | 18,5 | 17,7 | 12,3 | 8,9 | 8,1 | 8,8 | 6,7 | 10,6 | 7,1 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | 20,5 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -10,6 | -11,3 | -10,0 | -11,2 | -17,5 | -26,3 | -28,9 | -29,8 | -26,4 | -22,7 | -22,4 | -2,9 |
| Меваҷот | 4,4 | -6,6 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -6,9 | -5,8 | -5,5 | 1,5 | 4,2 | 11,2 | 13,9 | 23,2 | 27,6 | 28,8 | 27,9 | -0,7 |
| Сабзавот | 7,3 | 11,6 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 12,1 | 14,8 | 18,6 | 23,1 | 30,2 | 20,6 | 17,1 | 14,9 | 23,1 | 18,1 | 4,0 | -11,0 |
| Шакар | 1,6 | 4,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 6,2 | 2,0 | -0,2 | -9,1 | -9,6 | 4,4 | 8,3 | 11,5 | 15,8 | 18,2 | 27,2 | 6,6 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,5 | 0,6 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,0 | 13,4 | 13,4 | 13,1 | 12,4 | 11,0 | 10,9 | 2,5 | -6,1 | -5,2 | -5,2 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **5,5** | **6,0** | **6,7** | **6,7** | **6,7** | **6,7** | **6,5** | **3,6** | **3,6** | **2,7** | **2,7** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **5,7** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **2,9** | **2,8** | **2,8** | **1,5** | **1,3** | **0,6** | **0,5** | **0,9** | **0,7** | **0,8** | **1,3** | **0,5** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **28,0** | **7,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,9** | **4,1** | **4,4** | **3,5** | **3,8** | **4,3** | **4,5** | **4,7** | **5,6** | **6,0** | **6,8** | **0,6** |
| Либос ва пойафзол | 12,2 | 3,2 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 5,0 | 5,6 | 5,5 | 5,7 | 6,8 | 7,3 | 7,3 | 0,1 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 1,8 | 6,8 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 3,8 | 4,2 | 4,2 | 2,9 | 3,3 | 5,0 | 5,8 | 5,1 | 5,8 | 5,4 | 5,7 | 0,3 |
| Моводи шустушӯй | 1,5 | 5,2 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 22,6 | 24,9 | 24,8 | 24,2 | 21,6 | 16,8 | 14,7 | 13,8 | 6,1 | 4,6 | 4,8 | 0,1 |
| Доруворӣ | 1,9 | 4,2 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 11,2 | 7,0 | 7,3 | 5,1 | 6,9 | 10,0 | 11,5 | 11,1 | 11,9 | 9,4 | 9,8 | 0,4 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 1,3 | 54,6 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -21,2 | -25,1 | -22,0 | -26,9 | -25,1 | -19,8 | -19,2 | -20,7 | -11,5 | -2,9 | 9,5 | 9,9 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 0,3 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -1,7 | 3,1 | 3,1 | 1,1 | -0,2 | -3,0 | -0,9 | -0,8 | -0,8 | -0,8 | 4,7 | 5,6 |
| Васоити нақлиёт | 0,7 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,7 | 11,2 | 13,2 | 13,2 | 12,5 | -0,6 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 4,1 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,4 | 5,3 | 5,4 | 4,8 | 3,9 | 3,7 | 3,7 | 3,5 | 3,2 | 3,5 | 3,0 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **21,5** | **11,5** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **2,0** | **1,9** | **2,1** | **2,1** | **2,2** | **2,4** | **2,7** | **2,4** | **2,9** | **3,6** | **0,1** | **0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 8,1 | 13,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 4,4 | 3,2 | 5,6 | 4,3 | 5,2 | 6,2 | 7,5 | 6,8 | 8,2 | 9,1 | -0,1 | 1,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,4 | -0,9 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 7,0 | 8,0 | 8,0 | 3,2 | 3,2 | 3,2 | 3,2 | 2,7 | 2,7 | 2,7 | 2,7 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 1,4 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 5,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,7 | 17,7 | 17,7 | 17,7 | 17,7 | 0,3 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,1 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Газ | 0,4 | 66,6 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -29,6 | -46,8 | -39,1 | -42,2 | -41,3 | -37,6 | -34,6 | -40,3 | -16,6 | -4,4 | 15,4 | 21,8 |
| Нақлиёт | 3,7 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | -1,2 | 0,5 | -1,4 | -0,2 | -1,0 | -1,6 | -1,8 | -2,3 | -3,0 | -3,2 | -5,0 | -2,0 |
| Алоқа | 2,8 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маориф | 2,0 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 3,6 | 2,7 | -0,1 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 0,3 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 1,9 | 1,1 | 1,0 | 0,5 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 3,4 | 2,8 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,9 | 3,9 | 3,9 | 4,1 | 4,2 | 3,5 | 3,1 | 3,7 | 4,3 | 4,1 | 0,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо